**1993**

Ташкил ёфтани Маркази миллии патенту иттилоот.

**1994**

Ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ва ҳамрохшавӣ ба шартномаҳои байналхалқии муҳим дар соҳаи ҳифзи моликияти саноатӣ.

Дар амал ҷорӣ намудани Низомномаи муваққатӣ дар бораи ихтироъҳо, моделҳои судманд ва намунаҳои саноатӣ (02.02.1994).

**1995**

14 апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ба Санади ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи патентии евроосиёгӣ имзо гузошт.

Оғози додани ҳуҷҷатҳои ҳифзкунанда ба объектҳои моликияти саноатӣ.

Патенти аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

Дар амал ҷорӣ намудани Дастури муваққатии гузаронидани санҷиши пешакии арзномаҳо ба ихтироҳо ва моделҳои судманд (01.08.1995).

**1996**

Оғози чопи нашрияи семоҳаи «Хабарномаи расмӣ».

Созмон додани мактаби Гумоштаҳои патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти он.

**1997**

Нахустин конфронси ҷумҳуриявии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва озмуни Ихтирокори беҳтарини Тоҷикистон гузаронида шуд.

Супурдани аввалин Медали тиллоии СУМЗ ба ихтирокори беҳтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Конфронси минтақавии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Хӯҷанд гузаронида шуд.

**1998**

Конфронси минтақавии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Қурғон-теппа гузаронида шуд.

**1999**

Семинарии байналхалқии «Бақайдгирии байналхалқии нишонаҳо аз рӯи Созишномаи Мадрид, аз он ҷумла Протокол ба он».

Конфронси дуввуми ҷумҳуриявии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва озмуни Ихтирокори беҳтарини Тоҷикистон гузаронида шуд.

Супурдани ду Медали тиллоии СУМЗ ба ихтирокорони беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 1998 ва1999.

Конфронси минтақавии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Хоруғ гузаронида шуд.

## 2000

Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 10-уми Шӯрои байнидавлатии ИДМ оид ба масъалаҳои ҳифзи моликияти саноатӣ гузаронида шуд.

Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 9-уми Шӯрои Созмони патентии Евроосиёгӣ гузаронида шуд.

Конфронси байналхалқии мутахассисон ва олимони ҷавон, ки дар соҳаи моликияти саноатӣ кор мекунанд.

## 2001

Оғози чопи нашрияи якуми семоҳаи маҷалаи касбии «Моликияти саноатӣ ва бозор».

Баргузории семинарии байналмиллалии «Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идораи патентӣ» дар ҳамкорӣ бо Созмони патентии Евроосиёгӣ.

Баргузории муҳокимаи лоиҳаи шарнномаи ҳамкорӣ байни Роспатент ва ММПИ.

Конфронси сеюми ҷумҳуриявии «Системаи миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва озмуни Ихтирокори беҳтарини Тоҷикистон гузаронида шуд.

Супурдани ду Медали тиллоии СУМЗ ба ихтирокорони беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 2000 ва 2001.

Байни ММПИ ва Роспатент Созишнома оид ба ҳамкорӣ баста шуд.

## 2003

Семинар оид ба «Моликияти зеҳнӣ дар низоми ҷаҳонии савдо» гузаронида шуд.

Кафедраи байнидонишгоҳии «Ҳифзи  объектҳои моликияти саноатӣ» созмон дода шуд.

Конфронс бахшида ба 10-солагии ММПИ ва озмуни «Ихтирокори беҳтарини Тоҷикистон» гузаронида шуд.

3 медали тиллоии СУМЗ ба ихтирокорони беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 2002-2003 супурда шуданд.

Якҷоя бо СУМЗ семинарии байналхалқии «Моликияти зеҳҳӣ ҳамчун воситаи рушди иқтисод» гузаронида шуд.

## 2004

Конфронси илмӣ-амалии «Низоми миллии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Қайроқум гузаронида шуд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи ихтироъ» № 17 аз 28.02.2004 ва «дар бораи намунаҳои саноатӣ» № 16 аз 28.02.2004 ба қувваи қонунӣ даромаданд.

Семинарии «ТУС ва масъалаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуд.

Якҷоя бо ИПЕО семинарии байналхалқӣ оид ба «Истифодаи амалии ЕАПАТИС дар идораҳои патентии миллӣ» гузаронида шуд.

## 2005

Нишони фахрии ММПИ таъсис дода шуд (муаллифон Ш. Нажмудинов, Г. Купайи).

Конфронс ва озмуни «Ихтирокори беҳтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуд.

2 медали тиллоии СУМЗ ба ихтирокорони беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 2004-2005 супурда шуд.

Якҷоя бо СУМЗ семинарии «Таълимот ва тайёрии касбӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ» гузаронида шуд.

Семинарии «Ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ» гузаронида шуд.

Вохӯрӣ бо аҳли илм дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон .

## 2006

Нишони ММПИ таъсис дода шуд (муаллифон Ш. Нажмудинов, Г. Купайи).

Конфронс бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ва Рӯзи ихтирокорон гузаронида шуд.

Дар асоси ММПИ Маркази технологияҳои иттилоотии Тоҷикистону Ҳиндустон кушода шуд.

Семинари илмӣ-амалии «Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Қурғон-теппа гузаронида шуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» № 218 аз 22.12.2006 ба қувваи қонунӣ даромад.

## 2007

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ва «дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» ба қувваи қонунӣ даромад .